*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

19 майи соли 2017

№ 8-9
(62-63)

*Конференсия бахшида ба Соли ҷавонон*

# МАКТАБИ СУЛҲПАРВАРОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**"Ватанро дӯст доштан, аз он ифтихор кардан, барои ҳимояи он омода будан, ба қадри сулҳу субот, осудагиву ваҳдат ва истиқлолият расидан, ҳамзамон, шукронаи соҳибватаниву соҳибдавлатиро ба ҷо овардан аз ҷумлаи арзишҳое мебошанд, ки мо бояд онҳоро дастури зиндагии ҳаррӯзаи худ қарор диҳем ва итминон дошта бошем, ки танҳо дар ҳамин сурат мо метавонем, кишвари воқеан ободу пешрафта ва тавонно бунёд намоем".**

***Эмомалӣ Раҳмон***



13-уми майи соли равон дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Мактаби сулҳпарваронаи Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон-кафили пойдории истиқлолияти миллӣ ва роҳнамои ҷавонон барои имрӯзу ояндаи дурахшон" баргузор шуд, ки он бо сухани ифтитоҳии муовини ректор оид ба илм ва татбиқот, н.и.т., и.в. профессор Ҳакимов Ғ.Қ. оғоз ёфт. Ғафурҷон Қосимҷонович меҳмонони конфронс, аз ҷумла директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатии Осиё ва Аврупо Ёрмуҳаммад Ниёзӣ, намояндаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилошуб Розиқов, Субҳон Усмоноврo ба аҳли толор муаррифӣ намуда, ба кори конфронс барору комёбиҳо орзу намуд.

Сипас д.и.ф., профессори кафедраи фанҳои гуманитарии ДТТ Қурбон Восиев дар мавзӯи "Маърифати ваҳдат ва истиқлолият" маърӯзаи пурмазмун намуд, ки мӯҳтавои он соҳибистиқлол гардидани кишвар, ба мушкилот рӯ ба рӯ шудани он, яъне оғоз ёфтани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, роҳҳои расидан ба сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, хуллас таҳкими ваҳдат, худшиносии миллӣ ва ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, ки мимбаъд низ аз ҳар як фарди ватандӯст ва баору номуси кишвар ҷидду ҷаҳд ва масъулияти бештарро тақозо мекунад, дар бар мегирифт.

Қурбон Восиев дар баробари ёдовар шудан аз ҷаҳду талош ва заҳматҳои ҳамешагии, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини сулҳу субот, сарҷамъ кардани миллат, мустаҳкам намудани ваҳдати миллӣ ва ободию шукуфоии кишвар, инчунин ба аҳли толор, хусусан ҷавонон, киояндасози давлату миллатанд, омӯзиши китоби худ "Давлатсоз" - ро, ки соли 2012 аз чоп баромада, ба ҷашни 60-умин солгарди Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида шудааст, тавсия намуд.

Суханронӣ ва маърӯзаҳои ҷолиби намояндаи Кумитаи ҷавонон варзиш ва сайёҳии назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилошуб Розиқов, мудири кафедраи дизайни либос ва санъати муд, профессор Муродалӣ Иброҳимов, муовини ректор оид ба равобити хориҷӣ ва масоили иҷтимоии ДТТ, профессор Хаёл Бобоев, мудири кафедраи фанҳои гуманитарии донишгоҳ, н.и.ф., и.в. дтсент Исомиддин Шарифзода, олими ҷавони кафедраи таърих ва ҳуқуқ Ҷовид Бобоҷонов, донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 1-40.01.02.02.тА М. Шеров низ, ки дар онҳо аз хусуси шуҷоату корнамоӣ, хизматҳои шоиста, сиёсати оқилонаю хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти муаззами кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба сулҳу субот, пойдору мустаҳкам гардонидани ваҳдати миллӣ ва ободию шукуфоии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ғамхориҳои ҳамешагии Сарвари давлат нисбати мардуми мамлакат, бахусус ҷавонон ифода ёфтаанд, писанди аҳли толор гардиданд.

Таъкид гардид, ки таҷрибаи сулҳи тоҷикон, ки асосгузораш Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, аз ҷониби Созмони Миллали Муттаҳид баҳои баландро сазовор гардид ва он мавриди омӯзиш ва истифода қарор гирифтааст.

Имрӯз дар Осиёи Марказӣ кишвари бехавфтарин арзёбӣ шудани Тоҷикистон низ,- қайд намуданд маърӯзачиён, далели сиёсати оқилонаю хирадмандонаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи боз ҳам мустаҳкамтар гардонидани сулҳу ваҳдат ва ободию шукуфоии Тоҷикистон мебошад.

Интирокчиён ва аҳли олимони ДДТ дархост намуданд, ки чунин ҳамоишҳои илмиро вобаста ба фаъолияту сиёсати сулҳпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти муаззами кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола идома дода, масъалаҳои мубрами рӯзро мавриди таҳқиқу таҳлил қарор диҳанд.

***Р. Масъуд***

# БАҲОРИ БЕ ТУ

Ҳине ки падруд гуфтанат дар лаб омад ва косаи ашки дидагонам рӯи замини рухсораҳоям рехт ва ҳине, ки сахт дар оғӯши дурат медоштӣ маро пеши оинаи ёдҳо ва шишаи чашмонам охирин рафтанат мерасид, Модар.

- Оҳ, рафтане, ки наовард туро, рафтане, ки ҳар ҷои замини рӯзгорамро аламу ҳасрат кишт. Субҳ меомаду панҷаҳои сапедаш берад сиёҳии шабонро дар домани пурнураш мечид ва субҳ меомаду гармии дидори маро сард мекард, субҳ меомаду мерафтӣ азизи ман. Аз хоби ман. Субҳ меомаду дар чашмони ман хобро мекушт. Субҳ меомаду бе ту танҳои бедӯст дар роҳи ту дар интизор гиристам. Субҳ меомаду бӯи баҳор дошт ва маро ҳар насими хушаш дубора пажмурдатар мекард, чаро, ки бе ту баҳори ман маро баҳоре, ки шукуфтанӣ бошад нест. Само чун дили ман ғубор дорад. Оҳ, кай ба гиристан шурӯъ мекунад, чи қадарҳо мехоҳам, ки зери гиристанҳои пурасрори боронҳо қулфи гиристанҳои гарони диламро кушоям, он қадар мехоҳам бигирям, оре, бигирям, ки чаро ҳастам ман.

Гуфтам ғаме нахоҳам ҷуз айшу зиндагонӣ,

Омад, вале фаровон ғамҳои зиндагонӣ.

Ҳабиби ман, ай чокари доғу ҳасрати ман, мехоҳам дар ғамҳои ту дар ҳаҷри ту бимирам ман. Ин субҳи баҳор маро такрор омад, ёди марги ту Модар. Боз баҳор омад, вале куҷоӣ, ки баҳор бубинӣ, бубинӣ, ки баҳор бе ту баҳор нест барои ман ва баҳор ҳам бе ту дидагонаш пур-пури нам аст, гарчанд зебову сабзоғӯш асту гулрез, вале нигоҳаш дар нигоҳи зори ман ғуборолуд аст. Агар абрҳои баҳорӣ бо гиристанҳошон сабзаҳоро ҷон мебахшанду муддаи барои бунёдашон мешаванд. Абрҳои ҳиҷрону ғамҳои ҷигарсӯзи ту Модар, пас аз боридани барфу жолаҳои ҳасрат дар бодияҳои ёдҳои ман аз ашкҳои шӯру талхи он майсаҳои аламро дар боғи рӯзгори бебаргу бе садои ман сабз кардаанд, ки ҳар баҳор сабзтар болотар хоҳад шуд. Баҳор меояду маро ёд меояд, рафтани бебозгашти ту дар баҳор Модар.

Модар, ин баҳор маро ҳаваси оне, набуд, ки тамошои гулу шунидани садои булбул равам, ки бе ту чун мурғи нимбисмилам, балки шамъи хирасӯз худсӯзам, хонаам тиҳию торик аст. Гул овардаам барои туи азизи ман, вале…., вале куҷои ту Модар. Аҷаб талх аст рӯзи баҳор бе ту будан модарҷон. Ва куҷо донӣ, ки аз фироқ як таби шадиде бадани фигорам месӯзад, ташнаам, сахт ташнаам, ташнаи дидори гарми ту Модар. Ва медонам, ки намеоӣ ин баҳор ҳам, суроғи ман ва боз ҳам холӣ хоҳад буд гулдони рухсораҳои ман аз гулбӯсаҳои зебои ту Модар !

Фикр мекунам, шоир чунин мисраъҳоро барои ту ва ту барин инсонҳои комил эҷод кардааст:

**Ба ҳар баҳор гуле барорад**
**зи хок сар,**
**Гуле бирафт, ки наояд**
**ба сад баҳори дигар.**

***Тағойгули Саъдулло - саркитобдори пешбари китобхонаи донишгоҳ.***

# КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛӢ БАХШИДА БА СОЛИ ҶАВОНОН

**Бовар дорам, ки минбаъд олимони мо дар доираи стратегияву барномаҳои давлатӣ таҳқиқот бурда, ба масъалаи тарбияи муҳаққиқони ҷавони ихтироъкору навовар эътибори ҷиддӣ медиҳанд.**

***Эмомалӣ Раҳмон***



Раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи амалии ин ва дигар дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат, Президенти муаззами кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тадбирҳои заруриро роҳандозӣ карда истодаанд.

Конференсияи илмӣ-амалии омӯзгорону донишҷӯён дар мавзӯи "Саҳми олимони ҷавон дар рушди иннватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки рӯзҳои 29-30 апрели соли равон дар доираи ҳафтаи илм дар донишгоҳ баргузор гардид, бозгӯи ҳадафҳои гузошташудаанд.

Конферeсияро ........................................ ҳусни оғоз бахшида, қайд намуд, ки гузаронидани чунин конференсияҳо ба ҳукми анъана даромада, ба рушди илм, вусъати корҳои тадқиқотии устодони донишҷӯён ва пешрафти истеҳсолот мусоидат менамоянд. Конференсияи имрӯза, ки ба соли ҷавонон бахшида шудааст, дар рушди техника ва технология, инноватсия дар иқтисодиёт вусъати илмҳои табиӣ-риёзӣ ва умумибашарӣ, инчунин корҳои навовариву ихтироотӣ такони ҷиддӣ хоҳад дод.

Лозим ба ёдоварист, ки конференсияи омӯзгорон аз панҷ бахш: олимони ҷавон дар рушди техника ва технололия; инноватсия дар технологияҳои иттолоотиву иртиботӣ; илмҳои табиӣ-риёзӣ ва муҳити инноватсионӣ; инноватсия дар иқтисодиёт; инноватсия дар рушди илмҳои умумибашарӣ ва конференсияи донишҷӯён аз шаш бахш: техника ва технология дар саноати хурокворӣ; техника ва технология дар саноати сабук; информатика, барномасозӣ ва технологияҳои ҳифзи иттилоот. Илмҳои табиӣ-риёзӣ; рушди илмҳои умумибашарӣ дар муҳити инноватсионӣ иборат буда, дар онҳо масолини мубрам, мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Баъди шунидани маърӯзаҳо ва мавриди баррасӣ қарор гирифтани онҳо дар ҷаласаи ифтитоҳи, конференсия корашро дар бахшҳо идома дод, ки онҳо дар толори маҷлисгоҳи донишгоҳ, маркази сайқали маҳорати касбӣ ва муаррифии лоиҳаҳои инноватсионии факултети муштараки тоҷикӣ-украинӣ, толори шӯрои олимони ФМТУ, толори лексионии ФМТУ ва толори шӯрои олимони донишгоҳ ҷараён гирифтанд. Дар конфенсия беш аз чил маърӯзаи илмӣ шунида шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Маводҳои конфронс дар шакли китоб аз чоп бароварда шуда, дастраси иштирокчиён гардонида хоҳад шуд.

***Р. Шариф***

*Аҷаб шаҳри дилороӣ, Душанбе!*

# Шаҳрамонро зеби дунё мекунем





Ба шарофати соҳибистиқлолӣ ва сулҳу суботи кишвар пойтахти ватанамон - шаҳри Душанбе рӯз то рӯз ободу зебо гардида, шукуҳу шаҳомати хосса пайдо карда истодааст. Боиси хурсандӣ ва ифтихор аст, ки дар рушди ҳамаҷонибаи пойтахт, аз ҷумла сабзу хуррам гардонидан ва тозаю озода нигоҳ доштани он ҳар як фарди баору номус бо дарки баланди масъулиятшиносӣ саҳмгузорӣ карда истодааст.



Корҳои ободонию созандагӣ дар доираи амалигардонидани Дастуру супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ҳамкориҳои судманд бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе ҷиҳати кабудизоркунӣ, ниҳолшинонӣ, ободу зебо гардонидан ва тозаву озода нигоҳ доштани қитъаҳои муайяне, ки дар раванди эълон гардидани 150 рӯзи ободонӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсӣ дар шаҳри Душанбе ба донишгоҳ вобаста карда шудааст ривоҷу равнақи тоза ёфтанд.



Дар маъракаи ободонию кабудизоркунӣ, ки дар доираи 150 рӯзи ободонӣ сурат гирифта истодааст, омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон низ фаъолона ширкат варзида, фориғ аз машғулиятҳо, рӯзҳои шанбе ва якшанбеи ҳар ҳафта ба анҷом додани корҳои ободонию кабудизоркунии минтақаи ба онҳо вобастакардашуда, ки дар маҳаллаи 65-уми пойтахт воқеъ аст, машғуланд. Лозим ба ёдоварист, ки то имрӯз омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ корҳои зеринро ба анҷом расонидаанд:



- қитъаи роҳрави ҳудуди биноҳои ба минтақа тааллуқдошта аз сангу шағал, бетонҳо ва решаҳои дарахтони хушкшудаи буридашуда тоза гардида, инчунин бо дарозии 962 м2 заминҳо нарм ва кабудизор карда шуданд;

- дар ҳудуди дохилии қитъаи вобасташуда, ки масоҳаташ 1,7 гектарро ташкил менамояд, корҳои кандани бетонҳо, тануурҳо, таваққуфгоҳҳо ва дигар сохтмонҳои худсарона сохташуда, роҳравҳои аз истифода баромада





иҷро гардида, бо қувваи дохилии донишгоҳ зиёда аз 400 тонна партовҳои бетонӣ ва сангу шағалҳо аз ҳудуди шаҳр берун баровардa шуданд.

- барои сохтмони таваққуфгоҳҳо ва роҳравҳо зиёда аз 30 метри кубӣ сангу шағал харидорӣ шуда, истифода гардиданд.

- мувофиқи нақшаи кумитаи сохтмону меъмории "Шаҳрофар" корҳои азнавбетонрезии роҳравҳо ва таваққуфгоҳҳо (бо истифода аз 50 метри кубӣ бетон) дар ҳаҷми тақрибан 90 % то имрӯз ба анҷом расонида шуда, рӯзҳои наздик корҳои бетонрезии роҳравҳо ва таваққуфгоҳҳо ба охир расонида мешаванд.

- барои ҳамвор намудани қитъаи мазкур зиёда аз 930 метри кубӣ хок харидорӣ карда шуда, рӯзҳои шанбегӣ барои кабудизор намудани қитъаҳо истифода гардиданд, ки тақрибан 90%-и корҳои ҳамворнамоиро ташкил медиҳад.

- ҳудуди қитъа ба микдори зиёда аз 80% нарм карда шуда, барои коридани сабза омода карда шудааст.

- барои сабзгардонии ҳудуди минтақа зиёда аз 75 бех дарахтони сояафкану ороишӣ харидорӣ ва шинонида шуда, 42 адад дарахтони мавҷуда тибқи нақша аз як ҷой ба ҷойи дигар гузаронида шуданд.

- бо дарназардошти ҳаҷми калони қитъаи вобасташуда, ки 1,7 гектарро ташкил медиҳад, корҳои ободонию кабудизоркунӣ давом дошта, то имрӯз аз рӯи нақша дар умум 65% - и корҳо ба анҷом расонида шудаанд.

Он рӯз дур нест, ки қитъаи ба донишгоҳ вобастакардашуда, ба яке аз ҷойҳои хушманзар ва сайругашти сокинони маҳалла табдил дода шуда, ба ҳусни пойтахти кишварамон ҳусни тоза зам менамояд.

***З. Дилшод.***

**Дар суратҳо:** лаҳзаҳо аз ҷараёни корҳои ободонию созандагӣ.





*Ба муносибати 20-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ*

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ САОДАТИ МИЛЛАТ АСТ

Дар тақдири ҳар як миллат воқеаҳои сарнавиштсозе сипарӣ мегарданд, ки рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии онро муайян менамоянд. Чунин воқеаҳои замони муосир барои халқи тоҷик ва давлатдории тоҷикон ин ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ (соли 1991) ва расидан ба ваҳдати саросарии миллӣ (соли 1997) ба ҳисоб мераванд.

Дар ба даст овардани Ваҳдати миллӣ ва пурзӯр намудани иқтидори сиёсию иқтисодии давлати ҷавон - Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми Сарвари давлат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бузург аст.

25 сол муқаддам халқи тоҷик ба санҷиши ҷиддӣ ва қатъии таърихӣ дучор омад. Дар шароити ба вуҷуд омадани хатари пора-пора гаштани ватани куҳанбунёдамон, фалаҷ гардидани тамоми фишангҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии давлатдорӣ, ба равияҳои ифротгарой майл кардани қисми муайяни аҳолӣ, зӯроварӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ва бародаркушӣ ба чизи муқаррарӣ табдил ёфта буд.

Бо ҳукми таърих дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моҳи ноябри соли 1992) ба дӯши ин родмард масъулияти таърихии сарҷамъ овардани миллат ва барқарорсозии рукнҳои давлатдорӣ дар саросари ватанамон вогузор гардид. Ҳанӯз дар ҳамон иҷлосия Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо возеҳияти том мақсаду мароми худро нисбати аз вартаи нобудӣ халос кардани давлати куҳанбунёди тоҷикон баён намуд ва ба фаъолияти пайгирона ва созанда бо руҷӯъмандии том ва нерӯи созанда шурӯъ намуд.

Сарвари ҷавон ва бо?айрати тоҷикон барномаи фаъолияти худро чунин муайян карданд:

" гузоштани силоҳ ва қатъ намудани қонунвайронкунӣ;

" баргардонидани гурезагони иҷборӣ ба ватан;

" барқарор кардани хисороти молӣ ва ба зиндагии осоишта сафарбар намудани силоҳбадастони тарафайн;

" кор бо аҳолӣ ва барқарор намудани шохаҳои ҳокимияти конститутсионӣ дар марказ ва ҷойҳо;

" барқарор намудани истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҳар як оила.

Иҷрои ин вазифаҳои муҳим дар муддатҳои кӯтоҳтарин аз Сарвари давлат ҷасорат ва заминаи мустаҳками донишу малакаи сиёсию иҷтимоиро талаб мекард. Қайд кардан ҷоиз аст, ки қисми зиёди созанда ва бунёдкори халқи тоҷик аз ин ҳолати ногувори баамаломада азият мекашид ва дар тамоми ташаббусҳои роҳбари болаёқати худ аз ӯ ҷонибдорӣ мекард. Дар баробари рафтору кирдори вайронкорона ва хисоротовари душманони давлату миллат дар маҳалҳо истодагарӣ нишон медод ва сиёсати ҳукумати ҷавони Тоҷикистонро таҳти сарварии Эмомалӣ Раҳмон ҳамҷониба ҳам бо сухан ва ҳам дар амал амалӣ мегардонид.

Чунин факту рақамҳои таърихӣ гувоҳи талошу ҷонбозиҳои Сарвари давлати тоҷикон дар роҳи бунёди сулҳу ваҳдати миллӣ мебошанд. Анҷом додани 8 даври музокироти байни Ҳукумати Тоҷикистон бо намояндагони мухолифин, 3 машварати байниҳамдигарӣ, 6 мулоқоти Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Роҳбари Иттиҳоди мухолифин, қабул шудани 9 санади асосии заминавӣ. Ва, ниҳоят, 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва имзо гардидани "Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон".

Аз ин рӯ, ба дастовардҳои беназири давраи истиқлолият ва ваҳдати миллӣ назар афканда, бо эътимод ва боварии том гуфтан ҷоиз аст, ки ҳамаи ин неъматҳои моддию маънавии диёрамон - Тоҷикистони азиз дар заминаи якпорчагии ватан, якдилӣ ва дастаҷамъии тамоми халқи тоҷик дар атрофи Сарвари сулҳовар, созанда ва бунёдкори худ ба вуҷуд омадааст.

Дар ин шароити ҳассос ва тақдирсоз масъулияти омӯзгорон дар тарбияи ҷавонон ва насли наврас, аз омилҳо ва тазодҳои манфӣ ва зараровари замони глобализатсия эмин нигоҳ доштани онҳо ва оилаҳои ҷавони ватанамон хеле баланд аст.

Ҳар як сокини ватандӯст ва масъулиятшиноси Тоҷикистон, махсусан ҷавонони саодатманд, бояд амиқ дарк намоянд, ки дастовардҳои истиқлолият ва ваҳдати миллӣ бояд чун гавҳараки чашм муҳофизат карда шаванд.

Ин комёбиҳои ватани маҳбубамон бояд бо хониши хубу аъло, андӯхтани таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар соҳаи илму фан, саноат, иқтисодиёт ва технологияҳои муосир, фаъолияти бемайлони эҷодӣ ва инноватсионии ҳар як ҷавонмарди ватандӯст, баномус ва масъулиятшинос афзун гардонида шаванд.

Таҷрибаи давлати тоҷикон, фаъолияти Сарвари оқилу созанда ва бунёдкори он хотири тамоми ҷаҳониёнро тасхир кард. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон дар тамоми сохтори бонуфузи сиёсию фарҳангӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифта ҳамчун дастоварди оламшумул ва беҳамто эътироф гардидааст.

20 - соли ваҳдат ва созандагиро паси сар намуда мо - сокинони Тоҷикистони азиз баояндаи шукуфони ватанамон боварии комил дорем. Бо умеди ояндаи дурахшон месазад, ки кӯшишу заҳматҳои Сарвари давлат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар самти ноил гардидан ба рушди бемайлони иқтисодиёт, фарҳангу маънавиёти халқи тоҷик пурра ҷонибдор бошем.

Ин рӯзи тақдирсоз ва ба ҳама маҳбуб (27-уми июн), рӯзи ба имзо расидани "Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон" ҳамчун рӯзи "Ваҳдати миллӣ" дар саросари Тоҷикистон бо тантана истиқбол мешавад. Халқи шарифу сулҳпарвари тоҷик ва тоҷикистониён дар ин рӯз бори дигар аз меваи сулҳу ваҳдат шукргузорӣ мекунанд ва ба кори созандагию бунёдкорӣ ва сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумати Тоҷикистон, Сарвари тоҷикон - Эмомалӣ Раҳмон ҷонибдор будани худро изҳор менамоянд.

Ваҳдати миллӣ аз нигоҳи ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ дарахти бузурги ҳосилхезро мемонад, ки бо ранҷу заҳмати бепоён сабзонида шудааст. Меваҳои шаҳдвори он бояд ба насли оянда мероси устувор ва заминаи боэътимоди рушди минбаъда гарданд.

***С. Зарипов, дотсенти кафедраи барномасозӣ ва муҳандисии компютерӣ***

## ИФТИХОРУ ШАЪНУ ШОН АЗ ВАҲДАТ АСТ



Ваҳдат калимаест, ки бо маънию оҳангаш шахсро ба ягонагӣ ва муттаҳидӣ даъват менамояд. Аз қадимулайём мардум барои осудаву ором зиндагӣ кардан ва беҳбудии зиндагӣ муттаҳидона умр ба сар мебурданд. Онҳо баробар кор мекарданду ризқу рӯзияшонро ҳам баробар бо ҳам медиданд. Инсоният бидуни ягонагиву баробарӣ ба мартабаи имрӯзаи худ расиданаш номумкин аст. Маҳз ваҳдат инсониятро ба беҳтарин тараққиёт ноил гардонид ва мегардонад.

**Умри неки ҷовидон аз ваҳдат аст,**
**Шодии пиру ҷавон аз ваҳдат аст.**
**Меҳани ободу зебои маро,**
**Ифтихору шаъну шон**
**аз ваҳдат аст.**

Ба таърихи халқи тоҷик назар афканем, мебинем, ки барои давлату давлатдориро пеш бурдан ва тараққӣ додан халқ ҳамеша роҳи ваҳдатро пеш мегирифт. Сарони давлати абарқудрати Сомониён ҳамеша кӯшиш мекарданд, ки дар қаламрави давлаташон баробариву бародарӣ ҳукмфармо бошад, зеро ҳар ҷое, ки ягонагист, сулҳ низ он ҷост. Ҳар ҷое, ки сулҳ аст, амониву баракат низ он ҷост.

Соҳиб шудан ба истиқлолият барои ҳар миллату кишвар кори осон нест, вале ҳифз ва таҳкими он мушкилтар аз он аст. Дар рӯзҳои сахту душвори соли 1992 баргузории Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 16 ноябр ва рӯи кор омадани Ҳукумати нав бо роҳбарии Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон умеду орзуи мардум ва ҷомеаи ҷаҳониро ба фардои нек, ба сулҳу ваҳдат ва созандагиҳо дар кишвари мо бедор намуд. Акнун давраи ҳассоси фаъолияти Ҳукумат ва мардуми Тоҷикистон, давраи талош барои якпорчагии кишвар ва ваҳдати мардум, ҳифзи марзу бум ва пойдории кишвар истиқлолият оғоз гардид. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз аввалин рӯзҳои роҳбарии кишвар барқарории сулҳ дар Тоҷикистонро ҳадафи аслии худ ва Ҳукумати навтаъсис эълон кард ва мардумро дар дохилу хориҷ ба муттаҳид шудан дар атрофи ғояи ваҳдат даъват намуд. Ва аз ҳамон рӯз қадамҳои аввалин дар роҳи сулҳ гузошта шуданд. Аммо тай кардани ин роҳ ҳамвор набуд.

Вале ифтихори ватандорӣ, дурандешӣ, ҳисси баланди масъулият ва қотеияту матонат ба Роҳбари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон имкон дод, ки дар роҳи хотима бахшидан ба низоъ ва хусумати дохилӣ, таҳкими сулҳу сафо ва ваҳдати ростин миёни мардуми кишвар комёб гардад. Хираду заковати суннатӣ боло гирифта, роҳ ба сӯи созандагӣ ва шукуфоии минбаъдаи Тоҷикистони азиз ҳамвор гардид. Барои расидан ба ин рӯз душвориҳои зиёде пушти сар шуданд, ниҳоят гавҳари мақсуд ба даст омад. Ҳоло таҷрибаи сулҳи тоҷикон миёни аҳли башар чун намунаи ибрат шинохта мешавад. Сиёсатмадорону коршиносон ҳангоми суханрониҳо аз минбарҳои гуногун, гуфтушунидҳо, баррасӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли мунокишаву низоъҳои ҳаммонанд, ба кор бурдани нақшаи тоҷикии ҳалли масъаларо салоҳ медонанд. Агарчи ин ҷангро душманон дар хориҷ ба хотири дастёбӣ ба аҳдофи нопокашон тарҳрезӣ карда буданд, аммо фидокориҳои Роҳбари давлат, хосту иродаи матин ва хиради азалии миллат сулҳро ба кишвар бозгардонд. Нахустин сухане, ки Пешвои миллат ба мардуми тоҷик муроҷиат намуд ин "Ман ба Шумо сулҳ меорам". Оре, ва ин ҳам шуд, ки имрӯз миллати тоҷик дар чунин давлати соҳибистиқлол зери навои сулҳу ваҳдат оромона зиндагӣ карда истодаанд.

Давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба фарзандони бонангу номуси муттаҳиди худ ниёз дорад. Агар ҳар як шаҳрванди ин диёр муттаҳид шавад, Тоҷикистон аз ҳозира ҳам зеботару дилоротар хоҳад гашт. Имрӯз аз амалу ҳаракатҳои ҷавонон маълум аст, ки онҳо роҳи ваҳдатро пеш гирифта, фарзандони фарзонаи миллат хоҳанд гашт.

Камина бо ифтихор қайд мекунам, ки ваҳдати миллии тоҷикон намунаи олии ҳамдигарфаҳмӣ ва сулҳофаринӣ дар кулли ҷаҳон дониста шудааст.

***З. Собирова, донишҷӯи курси 4, ихтисоси 1-40010107 р.***

# Ваҳдати миллӣ - пояи сулҳ



Чуноне ки маълум аст, бо туфайли пирӯзии инқилоби Кабири Октябр ҳуқуқи мардуми тоҷик, барои давлатдорӣ эътироф гардид, гӯшае аз қаламрави қафомондаи кӯҳистоне дар ихиёраш қарор гирифт. Муборизаи як гурӯҳи фарзандони шуҷои миллат ба пайдо шудани аввалин Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон сабаб гардид, ҳарчанд аз мавзеъҳое, ки худи халқияти тоҷик дар он ҷойҳо ташаккул ёфта буд, бар асари номуттаҳидӣ ва хиёнатҳои берунаву дохилӣ ҷудо монд. Ба ҳар ҳол ин падида дар таърихи миллати тоҷик комёбии бузургтарин ва сарнавиштсоз буд, ки бе он истиқлолияти имрӯзаи мо шояд имконнопазир буд. Зикр кардан ба маврид аст, ки таассуб, маҳалгарой тангназариҳо дар шуури элитаи мили ва дини ҷой дошт, инчунин омилҳои дохили ва хориҷие ба вуҷуд омаданд, ки барои ташакулли андешаҳои зиддидавлатӣ мусоидат мекарданд ва эҳсоси ифтихори миллӣ ва талаби адолати иҷтимоириро ба самти экстремизми сиёсию динӣ ва милатгароию маҳалгарой равона менамуданд. Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ин омилҳо хеле авҷ гирифта гурӯҳҳои алоҳидаи сустиродае дар кишварамон пайдо шуданд, ки таҳти таъсири андешаҳои тундгароёнаи доираву нерӯҳои бадхоҳи дохилию хориҷӣ қарор гирифта, ҷумҳуриамонро ба гирдоби низоъҳои дохилӣ ва баъдан ба кашмокашиҳои мусаллаҳона кашиданд.

Албатта, ҳар давлату ҷомеа ба душворию бӯҳрон дучор мешавад ва бо роҳу воситаҳои гуногун ин мушкилиҳо ҳалли худро меёбанд. Ба бахти мардуми мо ва маҳз бо кӯшишҳои пайгиронаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвари мо сулҳу амонӣ пойдор гардид, миллати перешонгашта дубора сарҷамъ омад. Дӯстию бародарӣ пойдор гардид, дар чеҳраи ҳар фарзанди тоҷик нишоту хурсандӣ, ваҳдату сулҳ ҳувайдо гардид.

Бояд қайд кард, ки сулҳу Ваҳдат худ ибораҳое ҳастанд, ки ҳамеша дилчаспу дилнишин ва бо лаҳни шево садо дода бевосита шунавандаро ба фикр кардан водор месозанд.

Сулҳ-оштиву фарзонагӣ, якдигарфаҳмӣ ва толиби осоиштагӣ будани мардумонро таҷассумгар аст. Ваҳдат бошад ба ҳам омадан, сар аз як гиребон баровардан аст, ҳамдигарфаҳмию покизагӣ, поктинатию миллатдӯст будан .

Ваҳдат- беҳтарин неъмат, ҳаёти инсон, орзую армон, таҳкими давлат, наҷоти миллат, рушди тоҷикон, нумуи даврон, ҳастии инсон дар ҳар замину замон ҳаст. Ваҳдат ва сулҳи умумибашарии Тоҷикистон, ҷонибдории мамлакатҳои ҳамзабони бурунмарзӣ мавқеи макони онро дар миқёси ҷаҳон овоздор менамояд. Имрӯз иттифоқ ва ҳамдилии халқи тоҷик мавриди омӯзиши созмонҳою ташкилотҳои бонуфуз, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид гардидааст. Худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ гӯё пандест, аз гузаштагони дуру пешрафтаи маънавиёти кишвар.

Ба ақидаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Ҳар касе, ки ниҳоле сабзонида бошад, медонад, ки дарахт соле як маротиба мева медиҳад, аммо ниҳоле низ ҳаст, ки ҳамеша меваи ширин ба бор меорад. Мо меваи ширину сабзонидаамонро чашидем, ҷомеаи мо аз он баҳравар гардид. Мо дигар ҳаргиз роҳ намедиҳем, ки теша ба решаи мо расад".

Дар ҳақиқат ҳам мевае, ки Президентамон ба сулҳу ваҳдат ташбеҳ додаанд, имрӯзҳо меваи бисёре ба самар оварда истодааст, ки бо онҳо мо тоҷикон фахр мекунем. Муносибати нави давлатӣ, сиёсати нави соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон, сохтмони нави дохилию берунӣ ва ба хориҷи кишвар баромадани тоҷиконро ба миён гузошт. Ваҳдати миллӣ ҳамчун омили муттаҳидсозандаи тамоми мардуми Тоҷикистон шароит фароҳам овард, ки бо истифодаи арзишҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофшуда дар ҷум-ҳуриамон таҳкурсии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ гузошта шавад ва барои андаке бошад ҳам, беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум, ободӣ ва ояндаи давлати соҳибистиқлоламон заминаи мусоид муҳаё гардад.

Ваҳдати ҳақиқии миллӣ бидуни инкишофи тафаккури таърихӣ, худшиносии миллӣ, бузургдошти забон ва мероси фарҳангӣ, равнақу ривоҷи шуури миллӣ тасаввурнопазир аст. Президенти кишвар дар суханрониашон дар идҳои ҳарсолаи Ваҳдати миллӣ, ки дар пойтахти кишвар ва дигар шаҳру навоҳии Тоҷикистон баргузор мегарданд, қайд менамоянд, ки Ваҳдату якдилӣ бо худшиносии миллӣ сахт марбут буда, тавассути таълиму тарбияи хуб ва донишу маърифати баланд ба даст меояд. Хулоса, чун як фарзанди бонангу номус ва баори миллат бо сулҳу ваҳдати кишвари азизам имрӯз меболам ва шукрона аз ҳастии истиқлоли давлат мекунам.

***Фарангис Наботова, ассистенти кафедраи барномасозӣ ва муҳандисии компютерӣ***

# ОМЕЗИШИ ДИНУ СИЁСАТ ОМИЛИ РУШДИ ИФРОТГАРОИАНД

Кишварҳои пешрафта ва мутамаддини ҷаҳон пайваста дар ҳоли сохтани як ҷомеаи боадолат ва инсонсолор ҳамвора кӯшишҳои худро ба харҷ медиҳанд ва барои сохтани як низоми мардумсолор, ки тавонад ниёзҳои ҷомеаро баровардa кунад аз таҷриба ва дастовардҳои илмии инсоният истифода мекунад. Мутаассифона, дар кишварҳои осиёӣ ҳукуматҳои мазҳабӣ ки гуё бо қавонини илоҳӣ "ва тибқи китоби муқаддас амал мекунанд" ва вазъи фарҳангию ахлоқӣ ва ҷаҳонбинии асри 6-ро ба ҳайси воқеияти рӯз қабул менамоянд, ҳанӯз мавҷуданд ва мехоҳанд фазои таъсиргузории хешро тавсеа бахшанд. Ба ин гурӯҳ Арабистони Саудӣ, Фаластин, Лубнон, Ироқ, Покистон, Миср, Судон, Алҷазоир, Эрон ва амсоли инро метавон баршумурд, ки ҳокимони мустабид ва низомҳои диктатор дорад. Ғайр аз ин, дар ин гурӯҳ кишварҳо созмонҳои зиёди ҳарбӣ амал мекунанд, ки хусусияти ҷиҳодӣ доранд. Аз қабили Ихвонул Муслимин, Ҳаммос, фидоиёни ислом, сарбозони ғарбии имоми замон, сипои посдорон ва ғайра. Дар замони муосир кор гирифтан аз дину мазҳаб ва бо роҳи асримиёнагии идора кардани ҷомеа ҳеҷ гоҳ ба нафъи мардум ва дар маҷмӯъ ба нафъи миллат нест, танҳо гурӯҳҳои муайяни рӯҳонӣ бо роҳи фиребу найранг, хурофагӯию дурӯғпардозӣ ҳокимияти хешро истеҳком мебахшанд ва мардумро дар ҳоли бадбахтию фақр нигоҳ медоранд.

Вазъияти ҷаҳони имруз бозгӯкунандаи он аст, ки яке аз сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани ифротгароиву терроризм ин омезиши дину сиёсат ба ҳисоб меравад. Чунин равандро махсусан дар кишварҳои шарқи мусалмонӣ метавон бармало (ошкоро, рӯйрост) мушоҳида намуд. Вазъияте, ки дар Шарқи наздик ба вуҷуд омадааст, ин ҳолатро тасдиқ менамояд. Махсусан давлати Туркия агарчи як давлати дунявӣ ва пешрафта буд, тайи чанд соли охир бо омезиш ёфтани сиёсату дин ба яке аз маконҳои ноамн ва ифротишуда табдил ёфт.

Агар ба таърихи давлатҳои аврупоӣ назар афканем пас аз Замони Эҳё ва махсусан баъд аз инқилоби Фаронса, ки шакли давлатдориҳои куҳнаи теократиро (теос Худо кратия ҳокимият) аз байн бурд ва низоми дунявии давлатҳо ба вуҷуд омаданд, сабаби асосии рушди бемайлони кишварҳои аврупоӣ шуданд. Дар низоми дунявӣ дин ба ҳайси бовару эътиқодҳои фард қарор гирифта, як фард метавонад ба ин ё он дин бовару эътикод кунад ва ё ба ҳеҷ як дину мазҳаб бовар надошта бошад. Яъне дар ин сурат дин на ба ҳайси як василаи сиёсӣ, ки меъёрҳои он таъинкунандаи навъи рафтори одамон бошанд ё ҳуқуқу вазифаҳои онро муайян кунанд, балки дар доираи эътиқодҳои як фард маҳдуд мегардад. Аммо дар низомҳое, ки дину сиёсат омехта мешаванд ва дин ба ҳайси асосу маҳаки қонунгузорӣ мешавад дар ин ҳолат дин аз доираи бовару эътиқод берун шуда, ба василаи сиёсату идоракунӣ табдил меёбад.

Ҳанӯз донишманди фаронсавӣ Огюст Конт (1798-1857) раванди инкишофи ҷомеаи инсониро ба се марҳила тақсим намуда марҳилаи аввалашро, ки марҳилаи динӣ-теологӣ аст, аз даврони қадим то солҳои 1300 мелодиро дар бар мегирад. Давраи дуюм ки давраи метафизикист, солҳои 1300-1800-ро дар бар мегирад ва аз соли 1800 ва баъд давраи позитивистӣ ё мусбатгароӣ оғоз мегардад, ки аз ин ва баъд тамоми мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсии башарро танҳо аз роҳи илм яъне илмҳои дақиқу таҷрибавӣ ва техникию гуманитарӣ ҳал намудан мумкин аст. Яъне агар ба ҳамин назарияи Огюст Конт такя намоем дигар марҳилаи тафаккури динӣ ё сохтори идоракунии сиёсие, ки дин аз он нақши ҳалкунанда дошта бошад, ба сар омадааст. Бо назардошти ҳамин нуқта агар ба давлатҳои имрӯзаи ҷаҳон назар афканем ҳамон давлатҳои пешрафтаанд ва ҳарфи аввалро дар ҷаҳон мезананд, ки дар онҳо дину давлат аз ҳам ҷудоанд ва қонунгузориашон вобаста аз зарурияти воқеии ҷомеа ба вуҷуд омада, дар раванди идоракунӣ ва инкишофи худ аз дастовардҳои илмӣ кор мегиранд. Мутаасифона, дар баробари ин дар ҷаҳони муосир кишварҳое мавҷуданд ки то ҳанӯз низомашон низоми сиёсии динӣ буда дар онҳо маҳаки қонунгузориро арзишҳои динӣ ташкил медиҳанд. Бояд қайд кард, ки чунин навъи давлатҳо пуризтироб буда, аз лиҳози пешрафт кам рушд кардаанд ва осебпазир мебошанд. Агар ба кишварҳои Шарқи наздику миёна назар афканем аз қабили Арабистони Саудӣ, Туркия, Бейрут, Кувейт, Қатар, Эрон, Афғонистон, Покистон, ки дар онҳо дину сиёсат ба ҳам омехтаанд ва барои ҳалли мушкилоти иҷтимоию қонунгузорӣ камтар ба дастовардҳои илмӣ таваҷҷӯҳ мешавад ва маҳаки асосии меъёрҳои ҳамзистиро меъёрҳои динӣ ташкил медиҳанд, табиист ин навъи ҷомеаҳо мушкили зиёди иҷтимоию сиёсиро доро мебошанд. Зеро вақте ки дар сиёсат ба дин авлавият дода мешавад дар ин ҳолат низоми таълим тарбия, қонунгузорӣ дар доираи муқаррароти динӣ сурат мегирад ва бояд қайд кард, ки муқаррароти динӣ арзишҳои тағйирнопазир мебошад. Ҳол он ки ҷомеаи инсонӣ ва табиати инсон ҳамеша дар ҳоли дигаршавӣ ва тағйирот қарор дорад. Аз ҳамин ҷо тазод байни вазъияти воқеии ҷомеа ва меъёрҳои амаликунандаи он ба вуҷуд меояд. Ин тазод пеш аз ҳама ба зеҳнияти афроди ҷомеа таъсир мегузорад. Аз як тараф таблиғи ҳамешагии арзишу меъёрҳои динӣ, ки ба ҳайси ҳақиқати мутлақ ва бебаҳс талаққӣ мешаванд, дар натиҷа афродеро ташаккул медиҳанд, ки онҳо назарияи дигарро ва тарзи дигари зиндагиро ё ба истилоҳ фарҳангу арзишҳои мардумони дигарро қабул надоранд ва ба онҳо бо назари тардид менигаранд. Ҳамин аст, ки дар чунин ҷомеаҳо сафи нафароне, ки ифротӣ мешаванд ва дар пайи ифроту тафрит ба терроризм руй меоваранд, ниҳоят болост. Ҳамчунин дар дохили худи ҳамин гуна ҷомеаҳо ҳар гурӯҳе ё ҳизби сиёсие, ки барои расидан ба ҳадафҳои худ аз меъёрҳои динӣ кор мегирад худро айни ҳақиқат ҷилва дода тарафи дигарро маҳкум ва инкор мекунад. Чунин ҳолатро метавон дар кишварҳои аз қабили Афғонистон, Покистон, Эрон ва дигар кишварҳои Ховари Миёна мушоҳида намуд.

Аз тарафи дигар сиёсикунонии бовару эътиқодҳо бештар ҷомеаҳоро аз рушд бозмедорад ва онҳоро бардасифату тақдирпараст месозад. Ин гуна ҷомеаҳо наметавонанд дар муносибатҳои байналмилалӣ ҷойгоҳи вижа дошта бошанд. Қонунгузориашон ба сатҳи қонунҳои байналмилалӣ мутобиқ нест. Дар онҳо худкомагию анархия дар сатҳи болост ва ҳуқуқу озодиҳои инсон риоя намешаванд.

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки давлатҳои бардасифате, ки дар онҳо сиёсатҳои динӣ ҳоким бошанд барои қудратҳои ҷаҳонӣ қобили қабул ва манфиатоваранд. Дар ин раванд, имрӯз бахусус омили исломгароии сиёсӣ нақши бориз мебозад. Қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ бо мақсади расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ (геополитикӣ) -и худ дар ҷаҳони ислом кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳанд, ки бо такя ба эътиқоди динии мардум аз он тафовутҳое, ки миёни фирқаву мазҳабҳои исломӣ вуҷуд дорад, сӯиистифода намоянд. Барои расидан ба ин ҳадаф бо дасти худи мусулмонон ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии хусусияти динии ғайрисуннатидоштаро таъсис дода, онҳоро байни мусулмонони кишварҳои исломӣ аз тариқи роҳҳои мухталиф интишор медиҳанд ва барои чунин амал маблағҳои пули ҳангуфт сарф месозанд. Намунаи чунин ҳизбу ҳаракатҳо, ки имрӯз дар кишварҳои Осиёи Марказӣ аз худ дарак медиҳанд, ҳаракати Салафия, ҳаракати исломии Туркистон, толибон, ҷамоати таблиғ, ҳизби таҳрир, ансоруллоҳ ва ғайра мебошанд. Дар чанд соли охир бо дасти чунин ҳизбу ҳаракатҳо қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ тавонистанд, ки дар Либия, Тунис, Алҷазоир, Миср, Ироқ, Сурия, Нигерия ва як қатор кишварҳои дигар тазоҳуротҳои сиёсӣ ба вуқуъ пайваста ин кишварҳоро аз рушди устувор на танҳо боз доранд, ҳамчунин ҷаҳони исломро нооором сохта нуфузи худро дар ин мамолик нигоҳ доранд.

Аз замони оғози даврони навин дар Аврупо, ки бунёди онро ҷомеаи сармоядорӣ ташкил медиҳад, ба хотири даст ёфтан ба захираҳои муҳими ашёи хом ва истифода аз қувваҳои арзони корӣ сармоядорони Ғарб ба мустамликакунонӣ ва тақсими ҷаҳон шурӯъ намуданд. Қабл аз он, ки минтақа ё давлате аз ҷониби онон ғасб шавад, сараввал гумоштаҳои хешро ба ин давлатҳо мефиристонанд ва муҳимияти тарзи зиндагӣ, арзишҳои фарҳангӣ бовару эътиқод, мукаддасот ва нуқтаҳои заъфи мардуми онро бозомӯзӣ менамуданд. Ин қудратҳо дар минтақаҳои мусалмоннишин, ки таърихан масоили зидду нақкиз ва бархурдҳои мазҳабию фирқавӣ мавҷуд буд, кӯшиш намудаанд то ҳамин ихтилофро пайгирона барои тавсияи манофеи худ истифода намоянд. Дар кишварҳои мустамликашуда ҳамеша аз омили динӣ кор гирифта ба хотири тасаллут кардан ва дар як сатҳи бунбастӣ қарор гирифтани мардумони ин кишварҳо арзишҳои диниро тарвиҷ кардаанд. Ҳадафи асосии чунин амал барои истеъморгарон чанд афзалият дошт. **Аввалан,** дар ҷомеаи суннатии дингаро арзишҳо ва чорчӯбаҳои тарзи заиндагӣ муайянанд ва тағйироту дигаргунӣ дар онҳо ба душворӣ ба амал меояд, зеро ҷомеаи динсолор навгароӣ ва дигарандеширо қабул надорад. Чун баёни чизи нав ё андешаи озоду илмӣ метавонад меъёрҳои муқаррарнамудаи шаръиро шиканад, аз ин хотир дигарандеш дар ҷомеаи динсолор ҳамеша бо хатари вуҷудӣ мувоҷеҳ аст ва душмани низоми мавҷуда ба ҳисоб меравад. **Дуввуман,** барои истеъморгарон ҷомеаи динсолор аз он ҷиҳат қобили аҳамият аст, ки дар он метавон ба осонӣ унсурҳои тафриқаандоз ва низоъбарангезро ба вуҷуд овард ва бо тақсими ҷомеаи мустамликашуда ба гурӯҳҳои зид, онҳоро байни ҳам тарс дода манфиат ва ҳокимиятро тасаллут бахшид. Чунин вазъ аз он ҷо сарчашма мегирад, ки маънавиёти ҷомеаи динсолорро донишҳои динӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо бештар хусусияти нақлӣ дошта дақиқу саҳеҳ нестанд. **Сеюм,** ҷиҳати бартарияти ҷомеаи динмеҳвар барои истеъморгарон он будааст, ки чунин навъи ҷомеа хусусияти авторитарӣ дорад ва гурӯҳу тӯдаҳои мардуме, ки бо имону ихлоси зиёд ба як шахсияти рӯҳонӣ такя мекунанд. Ауторитетҳоро (рӯҳониёнро) ба худ тобеъ намуда, тавассути онон манофеъ ва қудрати худро тасаллут мебахшанд, ки хеле камхарҷ мебошад. **Чорумин** бартарияти ҷомеаи динмеҳвар барои мустамликадорон он аст, ки дар чунин навъи ҷомеа ҳуввияти динӣ аз ҳуввияти миллӣ болотар қарор мегирад ва доиман ҳуввияти динӣ ҳуввияти миллиро саркӯб намуда, идеяҳои космополитизмро тарҷеҳ медиҳад. Чунин вазъ ба он хотир назди мустамликадорон соҳиби эътибор аст, ки муқовиматҳои миллию озодихоҳиро саркӯб мекунад ва манфиатҳои мустамликадоронро ҳимоят менамояд. Ҳамчунин авторитетҳои кишварҳои мустамликашудаи динмеҳварро тобеи худ мегардонанд ва аз ин роҳ ба қудрати ҳокимияти худ таҳким мебахшанд. Чунин тарзи тафаккур дар дусад соли охир дар кишварҳои мусалмоннишин амал менамояд. Ҳамин аст, ки барои истеъморгарон ба вуҷуд омадани низомҳои ғайридинӣ ва тавсияи донишҳои илмӣ дар кишварҳои дасти саввум манфиатбахш нест. Онҳо ҳамеша бовару эътиқоди ин мардумро ривоҷ медиҳанд ва бештар масрафу сармоягузориро низ дар корҳое равона месозанд, то минбаъд ҳокимияти рӯҳониён истеҳком пайдо намоянд ва манфиатҳои онҳоро дар оянда низ ҳимоят кунанд. Қудратҳои ҷаҳонӣ агарчи имрӯз даъво пеш меоранд, ки замони мустамликадорӣ ба поён расидааст ва имрӯз ҳама давлатҳо баробаранд, зоҳиран гӯё ин масъала дуруст аст, вале дар асл ҳеҷ гоҳ чунин нест, фақат равиши мустамликадорӣ ва истеъморгарӣ шаклҳо ва қолабҳои навтару беҳтарро бо назардошти рушди сареъи технологияи муосир ва ҷаҳони иттилоотӣ дигар кардааст. Бозиҳое, ки имрӯз дар кишварҳои Шарқи Наздику Миёна ва дар маҷмӯъ кишварҳои мусалмоннишин сурат мегиранд давоми ҳамон бозиҳои бузург ба ҳисоб меравант. Мардумони ғафлатзадаю нодонро, ки донишу ҷаҳонбинии саҳеҳ надоранд бо пулу сармоя, яроқу техникаи ҷангӣ муҷаҳҳаз мекунанд ва онҳоро гӯё ба хотири дифои дину мазҳаб ва муқаддасот сафарбар мекунанд, то дар роҳи "ҳақ" ғазоват намоянд. Яъне ҳанӯз ҳам таассубзадагӣ, нодонӣ ҷаҳолатпешагӣ, ки аз роҳбарони кишварҳои мусалмоннишин, ки мусалламан аксарашон дастнишонди мустаъмиринанд, маншаъ мегирад дар байни бештари афроди ин ҷомеаҳо ривоҷ ёфтааст. Даҳшате, ки имрӯз Сурияю Ироқ, Афғонистону Лубнон ва дигар кишварҳои мусалмоннишинро фаро гирифтааст бозгӯи бебаҳси ҳамин воқеияти талхи ҷаҳони муосир аст.

Назарияҳои инқилобҳои динӣ ва амалияи онҳо низ аз тарафи назарияпардозони кишварҳои истеъморӣ таҳия шуда ҳадафи ниҳоии он хизмат кардан ба ин кишварҳо мебошанд. Натиҷаи ин инқилобҳо сабаби ба вуҷуд омадани давлатҳои беҳуввият, вопасгаро, анархистӣ ва истибдодӣ мешавад, ки дар он озодиҳои инсонҳо саркӯбшуда, донишу истеъдод ва улуми табииву технологӣ рушд намекунанд ва мардумони ин кишварҳо дар ҳолати фақру инзиво қарор гирифта, ба бозору дӯкони кишварҳои пешрафта мегарданд.

Ҳарчанд кишварҳои абарқудрат ба истифода аз таҷрибаи дунявият, ақлгароӣ, озодандешӣ ба муваффақиятҳои беназир даст ёфта бошанд ҳам, дар кишварҳои мусалмоннишин аз рушди таассуби динии мусалмонон ва тундгаросозии онон кор мегиранд, ки амалияи ин ҳадаф ба вуҷуд овардани инқилобҳои исломӣ ва аз байн бурдани озодандешиву секулоризм аст.

Айни замон қудратҳои ҷаҳонӣ барои дар зери султаи худ нигоҳ доштани кишварҳои нафтистеҳсолкуни ҷаҳонӣ ба мисли Арабистони Саудӣ, Эрон, Ироқ, Қувайт, Қатар, Сурия, Туркия, Либия ва амсоли ин онҳоро дар тахтаи шатранҷ бо сенарияи мазҳабӣ чун муҳраҳо дар бозӣ овардаанд. Ин кишварҳо барои бархурди манфиати абарқудратҳо ва аз нав тақсим кардани ҷаҳон размозмоишгоҳ ва майдони таҷрибавӣ мебошанд. Ҳарчанд дар бархуди ин кишварҳо масоили мазҳаб ва махсусан бархурди пайравони ташаюъ ва аҳли суннат ҳамчун як омили таърихӣ ба назар расад ҳам, вале он на барои мардумони ин кишварҳо балки барои тарроҳони бозӣ хидмат менамояд.

*Шарифзода Исомиддин,*
*мудири кафедраи*
*фанҳои гуманитарӣ*

# Шаҳри имрӯзи мануояндаву фардои ман

Ба монанди он, ки тифли кӯчакеро волидайнаш, бародару хоҳараш, хешовандонаш, дар гирди ӯ ҷамъ омаданд ва аз ин тифл, ки як нигини бебаҳо аст нигоҳдорӣ мекунанд, Душанбе - шаҳри азизамон низ чунин арзишеро дорад. Кӯҳсорони боҳашамат, бо қаду басти худ, бо салвати худ ин шаҳри бостониро ҳимоя мекунанд. Агар тифл дар атрофи худ хешу ақрабонашро надид ба ҳаяҷон омада ба ҳар тараф чашм медӯзад ин нигини бебаҳо низ бе кӯҳсорон худро тасаввур карда наметавонад. Боду ҳавои форамаш, осмони софаш, ситораҳое, ки нимашаб ҷило медиҳанд ин нигинро ҳимоя мекунанд, ҳавои тозааш медиҳанд, нури хуршедро мепошанд, ситораҳо бошанд намегузоранд, ки ин нигини бебаҳо дар шаби торик ваҳме бинад.

Инсонро одоби хуб, рафтору кирдори хуб зебо мекунад, нигин ҳам бояд ҷилое дошта бошад, ки нури офтоб аз рӯшноиаш ҳасад барад. Бубинед кӯҳҳои осмонбӯси шаҳр боиси ҷилонок гаштани шаҳр гаштаасту шаҳр боиси зебогии кӯҳҳо, ҳарду ба якдигар зебогию таровати хосе зам сохтаанд. Бозорчаи хурде, ки Душанбе ном дошт, тавонист худро ба қуллаи баланд сазовор созад. Душанбее, ки ҳаёти худро сар карда буд, ҳамчун дарахти бебаргу муғҷа буд. Аммо аз ҳамсояҳояш қафо мондан намехост, хушбахтона, бо талошҳои родмардону ҷасурони дилбохтаи ватан Душанбе тавонист нигини бебаҳо бошад дар ҳалқаи кӯҳсорон сазовор ҳам шуд. Родмардоне, ки баҳри нест кардани хор аз байни гулистон кӯшишу заҳматҳои зиёд кардандy нури чашмҳояшонро хиронианд, албатта ба мақсади неки худ расиданд ва тавонистанд Душанберо табдил диҳанд ба нигини бебаҳо дар ҳалқаи кӯҳсорон. Қомататро рост кардӣ Душанбеи азизам, бигзор бо атру гулу боғу роғат ҳамеша сарзабзу хуррам бошӣ. Хонандаи азиз, оё имрӯз дидаӣ, ки Душанбе чӣ тавр зебою гул-гулшукуфон шудааст, ҳамаи ин самараи 25-соли Истиқлолият аст.

**Эй Душанбе пойтахти**
**кишвари зебои ман,**
**Ту ба ҷон ҳастӣ баробар**
**меҳвари дунёи ман.**
**Бинамат ман навҷавону**
**орӣ аз гарду ғубор,**
**Шаҳри имрӯзи ману**
**ояндаву фардои ман.**

Ҷавонони саодатманд бубинед, ки пойтахти азизамон ба чӣ муваффақиятҳо ноил гашт дар давоми 25 соли истиқлолият. Бо эълон намудани соли 2017-соли ҷавонон мо ҷавонон бояд дар пешрафти ҷумҳурии азизамон ҳиссагузор бошем. Оядаи миллат дар дасти мост, биёед ҳамфикр шуда аз як гиребон сар баровaрда оядаи миллатро ба уҳда гирему Душанберо аз нигини бебаҳо ба нигини пурҷилои бебаҳо дар ҳалқаи куҳсорон табдил диҳем.

***Таҳияи Ф. Ҳабибуллоев,***
***донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-0801011101***

# ҲУШЁРИЮ ЗИРАКИИ СИЁСИРО АЗ ДАСТ НАДИҲЕМ

Афзоиши пайвастаи ташкилот ва гурӯҳҳои террористӣ дар ҷаҳони муосир, яке аз омилҳои муташанниҷ гаштани вазъи сиёсию иҷтимоии замони имрӯза гаштааст. Дигаргуниҳои калони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоие, ки Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри гузашта рӯ ба рӯ шуд, кишвари моро ба душвориҳои сангин дучор сохта, боиси сар задани ҷангҳои дохилию таҳмилии солҳои 1992-1997 гардид, ки дар натиҷа ҳаёти зиёда аз 150 ҳазор шаҳрванд бе сару сомон шуда, оқибатҳои он ҳоло ҳам эҳсос мешавад ва хотираҳои мардумро ранҷ медиҳад. Қувваҳои экстремистӣ дар ҳолатҳои муайян аз ҳиссиёти динии мардум истифода бурда, фазои сиёсии кишварҳои алоҳидаро муташанниҷ мекунанд.

Имрӯз дар ҷомеаи Тоҷикистон, ки дар байни ҷавонон шуури динӣ рӯ ба инкишоф ниҳодааст, ин раванди хатарнок на танҳо барои ҷамъият ва давлат, балки барои исломи анъанавии мазҳаби ҳанафӣ низ бетаъсир намемонад.

Дар оғози соли 2014 барои амалҳои террористӣ ва экстремистӣ бештар аз 150 нафар шаҳрвандон ба ҳабс гирифта шудаанд, ки сеяки онҳо дар лагерҳои махсуси террористии Афғонистон, Покистон ва Сурия аз машғулиятҳои амалӣ гузаштаанд.

Ин қувваҳо бо тавассути кушҳои амалҳои террористӣ дар байни аҳолӣ тарсу ваҳм ва даҳшатро ба вуҷуд меоранд. Ин қувваҳо аслан ба моҳияти зиддиятҳои ба миёномада дуруст сарфаҳм нарафта, қудрати аз ин ҳолат баромаданро надоранд.

Сарвари муаззами кишвар, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо аз минбарҳои сатҳи гуногун ибрози доштаанд, ки "терроризм ватан, миллат ва мазҳаб надорад" ва аз ин рӯ, мубориза бо муқобили терроризм ва экстремизм фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои якдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро дар пешорӯи ин хатари умумӣ тақозо мекунад" (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.01.2016).

Дар ҳуҷҷати "Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон" зикр шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти мавқеи ҷуғрофиаш ҳоло ҳам дар маркази диққати сиёсати геополитикии давлатҳои бузург қарор дорад. Дар ин бобат ба фазои сиёсии Тоҷикистон вазъи ҳарбӣ-сиёсии Афғонистони ҳамсоя таъсири манфӣ мерасонад, зеро дар ин давлати ҷангзада зиёда аз 30 сол боз муқовиматҳои дохилӣ давом дошта, он ба яке аз марказҳои терроризми ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Феврали соли 2015 бошад, дар шимоли Тоҷикистон гурӯҳи иборат аз 11 нафара барои аъзоӣ ба ташкилоти террористии "Салафия", ки соли 2009 чун ташкилоти террористӣ аз тарафи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ шудааст, боздошт шуданд, ки аксарияти онҳо хатмкунандагони мактабҳои динии Покистон, Сурия, Яман, Аморати муттаҳидаи Арабии Сурия ва Арабистони Саудӣ буданд.

20 декабри соли 2010 дар машварати васеи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бозгардонидани донишҷӯёни кишвар, ки дар муассисаҳои динии давлатҳои хориҷӣ таҳсил менамоянд, қарори марбута қабул карда шуд.

Танҳо соли 2013 аз қаламрави кишварҳои Эрон, Арабистони Саудӣ, Либия, Миср бештар аз 2705 донишҷӯ ба ватан баргардонида шуд.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд" (аз 02.08 2011, № 762) дар байни ҷомеа мавриди мубоҳиса ва андешарониҳои зиёд гардид. Мутобиқи моддаи 8 Қонуни мазкур падару модарон уҳдадор карда мешаванд, ки фарзандонашонро аз иштирок дар фаъолияти муассисаҳои динӣ, ғайр аз кӯдаконе, ки дар мактабҳои махсуси динӣ таҳсил менамоянд манъ намоянд.

Танҳо соли 2013 барои риоя накардани ин талаботи қонун бештар аз 3100 падару модар ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир намудани ҷинояти вобаста ба терроризм ҷораҳои сахттарин муқаррар кардааст (моддаи 179 КҶ ҶТ) Мутобиқи моддаи 307 Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иштирок дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ манъ шуда, ташкили таълимии хусусияти экстремистидошта, ба ҷавобгарии ҷиноӣ бо мусодираи молу мулкашон муқаррар карда шудааст.

Дар айни замон, ба омилҳои паҳн гаштани зуҳуроти терроризм ва экстремизм баҳо дода, мо бояд фаромуш накунем, ки асоси он дар соҳаи иқтисодию-иҷтимоии ҷаҳони муосир ниҳон аст. Дар масъалаи мубориза ба муқобили ин зуҳурот нақши муҳим ба мақомоти корҳои дохила вогузор карда шудааст.

Вазифаҳои афзалиятноке, ки дар назди давлат дар мавриди пешгирии зуҳуроти экстремизм, бо мақсади мустаҳкам ва пойдор кардани сохти конститутсионӣ, сулҳ ва ваҳдати халқҳои Тоҷикистон меистад, аз инҳо иборат аст:

1. Давра ба давра барҳам додани сабаб ва шароитҳои мусоидаткунанда, барои пайдоиши зуҳуроти экстремизм.

2. Манъи сариваќтии фаъолияти ҳизбу ҳаракат ва созмонҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта.

3. Муқовимат барои ҷалб намудани шаҳрвандони Тоҷикистон ба гурӯҳҳои экстремистӣ.

4. Пешгирии ҳама гуна маълумот ва адабиёте ки боиси бадбинии мазҳабӣ, паст кардани шаъну эътибори намояндагони дину мазҳабҳои дигар равона карда шудаанд.

5. Паст кардани ихтилофҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа, инчунин таъмин кардани ҳамдигарфаҳмии байни дину мазҳабҳо.

6. Такмили ҳамоҳангсозии фаъолити мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ дар ҳамаи зинаҳо дар бобати пешгирии экстремизми динӣ.

7. Роҳ надодан ба низоъҳои тезу тунди сиёсӣ бо истифодаи зӯроварӣ дар ҳалли масъалаҳои ба миёномада ва инчунин байни ин гурӯҳҳо бо мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ.

Ҳамин тариқ, мубориза бо муқобили экстремизм ва терроризм ба яке аз масъалаҳои ҳалталаби ҷаҳони муосир боқӣ монда аз ҳар як шаҳрванд зиракии сиёсӣ, ватандӯстӣ ва ҳисси бузурги худшиносиро тақозо менамояд.

***Таҳияи: З. Ваҳобова, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-25010410 р.***

# Ayurveda

1. Walk for 30 minutes daily. -Ходите пешком 30-минут ежедневно.

2. Eat a piece of fruit daily. - Ешьте фрукты ежедневно.

3. Eat whole foods instead of processed foods whenever possible. - По возможности, употребляйте целые продукты вместо обработанных продуктов.

4. Reject foods and drinks made of artificial colors or sweetener. Не ешьте и не пейте продукты и напитки из искусственных красителей или подсластителей.

5. Start each lunch/dinner with salad. -Начинайте каждый обед и ужин с употребления салатов.

6. Give your partner a hug every day before work. - Каждый день обнимайте своего партнера перед работой.

7. Take a deep belly breath for three to five minutes twice a day. - Делайте глубокий вдох 2 раза в день в течение 3-5 минут.

8. Smell the scent of lavender to relax and sleep well.-Вдыхайте запах аромата лаванды, чтобы расслабиться и спать хорошо.

9. Eat a handful of walnuts before bed. - Съешьте горстку грецких орехов перед сном

10. Drink plenty of water. - Пейте много воды.

11. Get 10-15 minutes of sunlight and fresh air daily. - Получайте 10-15 минут солнечного света и свежего воздуха ежедневно.

12. Jog. - Бегайте трусцой.

13. Run in place. - Бег на месте.

14. Have a greater variety of food. -Variety means no excess of anything and more nutrients. Eat three different foods at every meal. -Употребляйте большее разнообразие пищи. Разнообразие означает отсутствие избытка чего-либо и других питательных веществ. Ешьте три разных блюда при каждом приеме пищи.

15. Eat slowly. - Ешьте медленно

16. Have snacks between meals. - Закусывайте между едой.

17. Watch comedy and add humor to your life. - Смотрите комедию и добавляйте юмор в свою жизнь.

18. Never skip breakfast. - Никогда не пропускайте завтрак.

19. Try to have seven hours of sleep at night. - Старайтесь иметь семь часов сна ночью.

20. Have a fixed bed time, preferably at 10:00 pm.- Имейте фиксированное время ложиться спать предпочтительно в 22:00.

21. Increase your fiber intake. - Увеличьте потребление клетчатки.

22. Eat foods with bright rich colors. - Ешьте продукты с яркими насыщенными цветами.

23. Join a Yoga class. - Занимайтесь йогой.

24. Surround yourself with loving and supportive people. - Окружите себя любящими и поддерживающими людьми.

25. Know that healthy food tastes great later. - Знайте, что здоровая пища имеет прекрасный вкус позже.

26. Drink green tea twice a day. - Пейте зеленый чай два раза в день.

27.Exercise till you sweat once a week. - Упражняйтесь, пока не вспотеете один раз в неделю.

28. Save a one year's worth of living expenses to eliminate the money stress. -Сохраните прожиточный минимум на год, чтобы устранить стресс в деньгах.

29. Have as much good time as possible. -Постарайтесь провести время хорошо.

30. Do pull-ups and push-ups for 30 minutes twice a week. - Два раза в неделю подтягивайтесь и отжимайтесь 30 минут.

31. Eat a handful of nuts 30 minutes before a meal. - Ешьте несколько орехов за 30 минут до еды.

32. Step on a treadmill. -Шагайте на беговой дорожке.

33. Learn to cook and gain control of what goes into your meals … and save money! - Научитесь готовить и контролировать то, что входит в ваши блюда ... и сэкономьте деньги!

34. Take a Vitamin D rich supplement. - Примите добавки, богатые витаминами D.

35. Chew food thoroughly. - Тщательно прожёвывайте пищу.

36. Avoid cold drinks with meals. - Избегайте холодных напитков во время еды.

37. Take ginger. -Пейте чай с имбирем

38. Cut down sugar. - Сократите сахар.

39. Don't over-eat! - Не переедайте!

40. Don't eat 3 hours before going to bed. -Не ешьте за 3 часа перед сном.

41. Fast. - Держите пост и голодайте.

42. Sit in silence for 10 minutes each day. - Сидите безмолвно в течение 10 минут каждый день.

43. Play games. - Играйте в игры.

44. Read good books. - Читайте хорошие книги.

45. Pray. - Молитесь.

46. Meditate. -Медитируйте.

47. Do not compare yourself to others. - Не сравнивайте себя с другими.

48. Do work that you are passionate about. - Выполняйте работу, которой вы увлекаетесь.

49. Quit a job you hate. - Бросьте работу, которую вы ненавидите.

50. Keep in touch with your family. - Поддерживайте связь со своей семьей.

51. Do something good to one person everyday. - Делайте что-нибудь хорошее одному человеку каждый день.

52. Don't drink coffee twice a day. - Не пейте кофе два раза в день.

53. When you feel tired, REST. - Когда вы чувствуете усталость, Отдыхайте!

54. If you're stressed, don't try to manage it. Instead, take time off and relax. - Если вы страдаете стрессом, не пытайтесь управлять им. Вместо этого возьмите отпуск и расслабьтесь.

55. Laugh out loud. -Смейтесь громко.

56. Quit smoking-by-smoking one less cigarette every week. - Бросьте курить, выкуривая меньше одной сигареты каждую неделю.

57. Walk in nature barefoot. - Ходите босиком.

58. Spend time with friends. - Проводите время с друзьями.

59. Start a gratitude journal. Record one thing, you are grateful for every day. - Заведите журнал благодарности. Запишите одну вещь, за которую вы благодарны каждый день.

60. Ride a bike for fun or cycle to work a few times a week.- Используйте езду на велосипеде для развлечения или на работу несколько раз в неделю.

61. Read 8 Weeks To Optimum Health by Dr. Weil.- Прочитайте журнал- "8 недель до оптимального состояния здоровья" доктора Вейля.

62. Wash hands with soap.- Вымойте руки с мылом.

63. Avoid passive smoking.- Избегайте пассивного курения.

64. Ask for help when you need it.-Обращайтесь за помощью, когда это необходимо.

65. Eat calcium-rich foods like milk, cheese and green leafy vegetables.- Ешьте продукты, богатые кальцием, такие как молоко, сыр и зеленые листовые овощи.

66. Don't sit for a prolonged time. Stand up and stretch. - Не сидите в течение длительного времени. Встаньте и потянитесь.

67. Wash your eyes and face regularly. - Регулярно мойте глаза и лицо

68. Sing.-Пойте.

69. Dance. -Танцуйте

70. Swim regularly in open air. - Регулярно плавайте на открытом воздухе.

71. Take the stairs. No elevators. No escalators. - Не используйте лифт или эскалатор, поднимайтесь по лестнице.

72. Remain faithful to one sexual partner to avoid AIDS. - Оставайтесь верными одному сексуальному партнеру (мужу или жене), чтобы избежать СПИДа.

73. Travel more often.- Путешествуйте чаще.

74. Wear high quality comfortable shoes. -Носите высококачественную удобную обувь.

75. Eat until you are 80% full. - Ешьте, пока не наедитесь на 80%.

76. Cook meals with curry powder. -Приготовьте блюда с порошком карри.

77. Take a 15-30 minutes nap.- В течение дня 15-30 минут потратьте на сон.

78. Eat dark chocolate.- Ешьте темный шоколад.

79. Eat wild salmon at least once a week (Omega-3 rich).-Ешьте дикого лосося, по крайней мере один раз в неделю (Омега-3 богатых).

80. Forgive someone.- Простите кого-то.

81. Call an old friend.- Позвоните старому другу.

82. Eat oranges.- Ешьте апельсины.

83. Sometimes, you need to say no for the sake of your health.- Иногда вам нужно сказать "нет" ради вашего здоровья.

84. Take care of your teeth.- Floss and brush your teeth twice a day at least.- Позаботьтесь о своих зубах. Чистите зубы два раза в день, по крайней мере.

85. Take honey to build up your immunity system. - Употребляйте мед, чтобы создать свою систему иммунитета.

86. Don't sleep right after having a meal. - Не ложитесь спать сразу после еды.

87. Don't sleep when you're emotionally upset. - Не спите, когда вы эмоционально расстроены.

88. Begin a garden. - Занимайтесь садоводством.

89. Build your self-confidence. - Будьте уверенны в себе.

90. Don't over-spend your money. -Не перерасходуйте свои деньги.

91. Volunteer in a good cause. - Станьте волонтером в хороших делах.

92. Do some strength training twice a week. - Тренируйтесь два раза в неделю.

93. Eat one or two fish meals per week. - Употребляйте одно или два рыбных блюда в неделю.

94. Find your passion and purpose in life. - Найдите свою страсть и цель в жизни.

95. Consider massage. -Примите массаж.

96. Don't solve your emotional problems by eating more. - Не решайте свои эмоциональные проблемы, съедая больше.

97. A garlic a day! - Употребляйте один чеснок в день!

98. Cut back on salt. - Сократите употребление соли.

99. Avoid negative people. - Избегайте негативных людей.

100. Herbs, herbs, herbs.-Употребляйте в пищу больше зелени.

Gathered and translated by
English Teacher Yunusova Z.S.
Department of Foreign Languages

# МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН



Шуҳратҷон Назаров 3-юми августи соли 1984 дар шаҳри Ваҳдат дар оилаи хизматчӣ чашм ба олами ҳастӣ кушодааст.

Ӯ соли 1991 ба мактаби миёнаи №49-и шаҳри Ваҳдат рафта соли 2002 мактаби номбурдаро бо баҳои аъло ва рафтори намунавӣ хатм кардааст. Чун аз айёми мактабхонӣ ба илмомӯзӣ, алалхусус корҳои навоварию ихтироотӣ завқу ҳаваси зиёд дошт, бо мақсади амалигардонии орзуҳояш соли 2002 ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ихтисоси 170600-дастгоҳҳо ва таҷҳизоти истеҳсоли хӯрокаи факултети муҳандисӣ- технологӣ ба тариқи озмун дохил шу два соли 2007 донишгоҳро ҳамчун мутахассиси варзидаи соҳаи саноати хӯрокворӣ бо дараҷаи тахассуси муҳандис-механик хатм намуд.

Зарурати такмили маҳорати касбӣ ва дар амалия татбиқ намудани донишҳои назариявии дар донишгоҳ омӯхтааш моҳи июни соли 2007 ӯро ба ҶСП "Комбинати шири Душанбе" овард. Шуҳратҷон дар Коргоҳи механикии ин корхона то соли 2009 дар вазифаи муҳандис-механики дараҷаи 4 - ум фаъолият намуда, ҳамчун мутахассис дар афзун гардонидани комёбиҳои корхона ҳиссаи сазовор гузошт. Ӯ хуб дарк мекард, ки омезиши илм ва пайвастани он бо истеҳсолот омили хуби пешравӣ ва комёбиҳояш хоҳад гашт. Аз ин рӯ, соли 2009 ба факултети муҳандисӣ - технологии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, кафедраи "Мошин ва таҷҳизоти истеҳсоли хӯрока" ба ҳайси ассистент ба кор қабул гардид ва то соли 2014 дар ин вазифа фаъолият намуд. Ш. Назаров айни ҳол вазифаи сарнозир-ҳамоҳангсози аспирантураи департаменти илм ва татбиқоти донишгоҳро бо муваффақият пеш бурда истодааст.

Шуҳратҷон Абдуғуломович соли таҳсили 2014-2015 ба ҳайси унвонҷӯ дар Донишгоҳи илмӣ-техникии шаҳри Лилли кишвари Фаронса дар озмоишгоҳи механикии Лилл дар мавзӯи рисолаи илмиаш "Коррозияи хӯлаҳои алюминий-литий бо металлҳои нодирзамини лигаронидашуда" муддати як сол тадқиқоти илмӣ бурд. Дар донишгоҳи мазкур дар раванди таҳсил бо истифода аз технологияҳои нав хусусиятҳои оксидшавии хӯлаҳои сабукро бо истифода аз усули Термогравиметрия (TGA) омӯхт ва оид ба натиҷаи тадқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои илмии байналмилалӣ мақолаҳои илмии арзишманд чоп намуд.



Ӯ оид ба рисолаи илмиаш, ки дар доираи омӯзиши хӯлаҳои сабук ҷараён мегирифт, натиҷаҳои назаррас ба даст овард. Бояд ёдрас шуд, ки ширкати ҳавопаймосозии Аэробус (ширкати бузурги ҳавопаймосозӣ баъд аз Боинг ба ҳисоб меравад) ӯро барои ҳамкорӣ дар озмоишгоҳ даъват намуда буд, чунки хӯлаи мазкур яке аз хӯлаҳои сабук ба шумор рафта, дорои хусусиятҳои беҳтарини механикӣ, гармӣ ва бо коррозия (зангзанӣ) тобовар мебошад.

Шуҳратҷон Назаров соли таҳсили 2015-2016 ба ҳайси ходими хурди илмӣ дар озмоишгоҳи муҳандисӣ-индустриалии Донишгоҳи Падуяи Ҷумҳурии Италия дар доираи барномаи Аврупоии Erasmus-Mundus Action 2 Silk-road тадқиқоти илмӣ бурда, дар раванди тадқиқот хусусиятҳои физико-химиявӣ, микросохтор бо истифода аз микроскопи электронӣ (SEM), омӯзиши хусусиятҳои гармофизикӣ бо усули шуоъҳои лазерӣ (Laser Flash thermal diffusivity) ва гармиғунҷоиши хӯлаҳои сабукро дар дастгоҳи калориметрия DSC (Different scanning calorimeter) гузаронид.

Муҳаққиқи ҷавон Шуҳратҷон Назаров аз натиҷаи гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотиаш дар маҷаллаҳои илмӣ зиёда аз 25 мақолаи илмӣ чоп кард, ки 8-тояш дар журналҳои КОА-и ФР эътироф ва чоп шудаанд. Инчунин якчанд мақолаи илмиаш дар маҷаллаҳои илмии бонуфузи кишварҳои Амрико, Фаронса ва Италиё бо забони англисӣ чоп гардидаанд. Дорои 6- патент оид ба ихтороот, 2- санади татбиқотӣ мебошад.

Ш. Назаров аз роҳбари кори илмӣ-тадқиқотиаш, доктори илмҳои кимиё, профессор Ғаниев Изатулло Наврӯзович, ки барояш пайваста кумак мерасонад, сипосгузор аст.

Муҳаққиқи ҷавон Шуҳратҷон Назаров ният дорад, ки дар Соли ҷавонон, аниқтараш моҳи декабр рисолаи доктори (PhD) -ашро бомуваффақият ҳимоя намуда, дар рушди илмӣ кишвар саҳми сазовор гузорад.

Дар сурат: Шуҳратҷон Назаров ҳамроҳи роҳбари кори илмиаш Ирен Калляри дар Донишгоҳи Падуяи Италия (Донишгоҳи мазкур соли 1222 таъсис ёфта, аввалин хатмкардагонаш олимони машҳури дунё Галилео Галилей ва Никола Коперник мебошанд).

***З. Яминова,***
***сарнозир-ҳамоҳангсози докторантура (PhD) - и ДТТ***
***Қ. Самиев,***
***н.и.т., дотсенти ДТТ***

# ЗИНДАГӢ ХУД ТАРБИЯ АСТ

**Мафҳуми тарбия дар фарҳанги забони тоҷикӣ ба маънои адаб, ақл, шуурнокӣ, рафтор, кирдор, гуфтор, омӯзиш, парвариш, таълим, ахлоқ омадааст. Умуман тарбия калимаест, ки дар таркибаш тамоми ҳастии маънавиёту фарҳанг ҷой шудааст.**

Тарбия - ин раванди мақсаддори таъсиррасонӣ ба инкишоф, муносибат, хислат, сифат, ақида, эътиқод ва тарзи рафтори шахсият дар ҷомеа мебошад.

Оид ба чӣ будани тарбия шоир, мутафаккир, насрнавис, файласуфи тоҷики ҳиндустонӣ Абдулқодири Бедил бо чунин назми дилошно иброз намудааст;

Тарбия чист? - Хок зар кардан аст,
Қатраи обро гуҳар кардан аст.

Аслан агар бо ҳиҷоҳо маънидод кунед, мафҳумаш тамоман ранги дигар мегирад. Масалан: тар ба маънои нами, бисёр.. ва бия бошад гиёҳест дар кӯҳистон мерӯяд, яъне ба маънои нодурусташ бисёр гиёҳҳои тарро ифода мекунад, ки аз нуқтаи назари философӣ низ ба ҳақиқат наздикӣ ҳам дорад, яъне ҷамъи чизҳои хом. Баҳри баланд бардоштани сифат ва танзими тарбия дар кишварамон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд қонуну қоидаҳои саривақтӣ, аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" аз 2 августи соли 2011, № 762, "Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 3 марти соли 2006, № 94 -ро қабул намуд.

Оид ба нуқтаи сарҳисобаш мутафаккирони дунё ба фикру ақидаҳои гуногунанд, чунончӣ:

- ҳанӯз даврае, ки тифл дар батни модар аст ҷараёни тарбия кардан сурат мегирад;
- инсонро то дами марг тарбият кардан мумкин аст;
- кӯдаки серӯзаро тарбия кардан дӯшворӣ монеа мешавад.

Объектҳои тарбия, тамошои филмҳои бадеию ҳунарӣ, ҳаҷвию тарбиявӣ, театру консертҳои фарҳангӣ, тамошои осорхонаю мавзеҳои таърихӣ, боғҳои фарҳангию маданӣ оила, ҷомеа, ҷойҳои таълимӣ, муассисаҳо, корхонаҳо, вохӯриҳо бо Мақомотҳои дахлдори қудратӣ, фаҳмондадиҳӣ аз тарафи шахсони обрӯманди ҷомеа, ки намунаи ибратанд, нақли қиссаҳои таърихию ҷавонмардон, қаҳрамонони баору номуси миллату давлат ва ҳаёти инсонӣ дониста мешаванд.

Ҳаёти инсонӣ ин объекти тарбиявӣ буданро низ мутафаккири бузург, сардафтари адабиёти тоҷик, устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ беҳуда ба риштаи назм накашидааст:

Ҳаркӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

Воқеан ҳам, ҳаёт ва зиндагӣ сар то по худ тарбия аст. Чуноне, ки дар боло зикр намудем, тарбия ин ақл ва адаб аст.

Гар як нуқта бас аст, гар шуур аст,
Гар чӣ рӯшноӣ пеши кӯр аст.

Яъне ба дигар ҷабҳаи масъала равшанӣ андозем, инсоне, ки ақли солим надошта бошад ӯро бо роҳҳои гуногун гарчанде тарбият кунем, низ шояд лаҳзае рафтор, гуфтор, муомилаи худро иваз намояд, чуноне ки дар халқ чунин шиор маъмул аст: "Хӯи бад ба ҷон баробар аст". Дар ин бора Луқмони Ҳаким низ "Адабро аз беадабон омӯхтам" нагуфтааст.

Вале агар зиндагии инсон чун мушкилӣ дошта бошаду иҷрои чунин фаъолияте, ки барояш вазнинӣ эҷод мекунад бидуни иҷрои он фаъолияти вазнин ҳеҷ бошад , ӯ маҷбур аст фаъолияти вазнинро барояш ҷоннок қабул намояд, аммо на ҳама вақт чунин гуфтаҳо ба ҳақиқат наздикӣ доранд.

Хуллас, ҳаёт ва зиндагӣ зайле сохта шудаанд, ки мо гарчанде дар айёми кӯдакӣ тарбияи хуб ё худ ақли солим надошта бошем бо гузашти айём ва амри тақдир, албатта, ки ҷомеа, кор, фаъолият моро тарбият мекунад. Оид ба ин масъала суханони ҳакимонаи Абӯалӣ ибни Сино "Таҷриба болотар аз илм аст" аз манфиат холӣ нестанд.

***Ҳ. Самадов,***
***муовини декани факултети технология ва дизайн оид ба таълим.***



*Поси хотири гузаштагон*

# МАН БАЪДИ ҲАМА ЗАВОЛ МЕОЯМ БОЗ



**Ман баъди ҳама завол**
**меоям боз,**
**Чун мурғи хуҷастафол**
**меоям боз.**
**Гар баъди ҳазор сол**
**ёдам бикунед,**
**Аз баъди ҳазор сол**
**меоям боз.**

Ин мисраъҳои ҷовидона дар санги мақбараи шоири фақиди тоҷик, устод Лоиқ Шералӣ, ки агар умр барояш бевафогӣ намекард, 20-май ба синни муборакӣ 76 қадам мегузошт, ҳаккокӣ шудааст.

Қаблан, дар санги мазори шоир ин байт, ки худи шоир барои санги мазораш навишта буд, ҷой дошт:

**Дар рӯи замин намонд**
**маъман,**
**Эй гӯр, дуруд бодат аз ман.**

Лоиқ Шералӣ яке аз шоирони огоҳ ва беҳтарин дар замони худ ва замони баъдӣ ба ҳисоб меравад. Шоире буд, ки қалам барои тасвири комил, рушан ва эҳдои ӯ оҷизӣ мекашад.

Чӣ бояд гуфт, чӣ бояд кард, то чеҳраи ҳақиқӣ ва нуронии устоди азиз, вале хоксор ва самимиро рӯи қоғаз биорем то дилҳо оромиш биёбад аз ёди ӯ. Хеле сангин ва душвор аст...

Дар бораи Лоиқ мегӯянду менависанд, вале фикр мекунам аз наздикон дида каси дигаре хубтару беҳтар ҳарф зада наметавонад дар бораи ӯ ва хислату эҷодиёташ.

Ман ин ҷо мехоҳам аз шоираи тоҷик Гулрухсор, ки дар бораи устод бисёр хотираҳо дорад ҳарф занам.

- То аввалин вохӯрӣ чизе дар бораи Лоиқ намедонистам. Як бегоҳ дар телевизори сиёҳу сафеди аммаи шаҳриам, ки бо падарам дар таътил ба аёдаташ омада будем, маҳфили шеъри Ҳабибулло Файзуллоро дидам, ки бароям хеле аҷиб буд. Дар маҳфил дигар шоирони ҷавон низ шеър хонданд, ки номашон дар ёд намондааст. Аммо шоире, ки баъдан фаҳмидам, ки пешоҳанги суханварони навовари насли хеш будааст, дар байнашон набуд. Лоиқро дар назар дорам.

Вақте донишҷӯ шудам, пахтачинӣ рафтем. Сармо хӯрда бемор шудам. Устоди меҳрубон, Мансур Бобохонов (рӯҳашон шод бод!), ки декани факулта буданд, маро ба бемористоне оварданд, ки дар бари хобгоҳи мо, дар кӯчаи Айнӣ воқеъ буд. Рӯзи дигар навбатдор маро даъват кард:

- Сафиева, на выход!

"Кӣ омадааст?" - пурсидам ман, ки касеро интизор набудам.

- Шералиев, - ҷавоб дод духтур...

Ҳайрон шудам, зеро чунин хеш ё шинос надоштам.

- Салом. Ту Гулрухсорӣ? - маро дида суол кард меҳмони ношинос.

- Гулрухсорам, аммо ту кистӣ?

- Лоиқ Шералӣ! - даст дода гуфт ӯ, - Шунидам беморӣ, хабаргирит омадам.

- Шамол хӯрдаам, - гуфтам дар ҷавоб.

- Дигар шамол нахӯр, мева хӯр! - гуфт дастовези пур аз меваро чун шиноси дерина ба дастам дода.

- Ба номаш сазовор буд Лоиқ.

Шахсияти барҷаста, самимӣ, бобаҷо, дӯсти қадрдон буд. Шоирро шахсияташ шоир мекунад. Заминиву самимӣ буд. тамаъ, хушомад, чоплӯсӣ, дурӯғу бӯҳтонбофӣ, ғаразу кина дар вуҷудаш набуд. Деҳотӣ буд, аммо бо роҳу равиши пур аз фазилату маънӣ. Ин ҷо сигор кашидану кӯлоҳ пӯшидан дар назар нест. Лоиқ худашро таъриф намекард, фурӯтану хоксор буд, беҷо вожаи "устод"-ро ба кор намебурд, ба устодони воқеӣ самимона арҷ мегузошт.

Ҳарфи дурӯғро дӯст намедошт. Як худнамоии ҷавонӣ дошт, махсусан дар ҳузури духтарони ҷавону нозанин, ки ба худаш мезебид. Бисту чаҳор соат шоир буд.

Кинагир, беинсоф набуд, аз комёбии дигарон хушҳол мешуд. Вақте сармуҳаррири маҷаллаи Садои Шарқ буд, романи "Занони Сабзбаҳор" ва достони "Мотами сафед"-ро ба қавли маъруф " бенавбат" чоп кард. Фарзандонамон Ромишу Азиз дар як рӯз ба дунё омадаанд. 3-юми март, дар зодрӯзашон ҳамроҳ ба сайри дараи Варзоб мерафтем. Шеъри " Эй баҳори бе Лоиқ!.." ёди маҳзунест, аз он рӯзҳои бебозгашт.

- Аз дигар ҳамқаламон камтар танқид мешунид. Вақте шахсиятро дӯст медоранд, ҷурмашро намекобанд, камбудияшро ба ҷойи ҳусн мебинанд, Лоиқ маҳбуб буду ҳаст.

Зиёд мутолиа мекард. Нусхаҳои қаламиро меҷӯст, пайваста луғат меомӯхт. Ба рафтору гуфтори нодуруст тунд аксуламал нишон медод. Чандин шоиртарошони беҳунарро байни ҳама сахт ранҷонда буд, ки то дами охир истеъдоди модарзодии Лоиқро набахшиданд.

Лоиқ аз шонаҳои нозуки модари фарзандонаш такягоҳи беҳтаре надошт! Зебуннисо намебуд, шояд Лоиқ аз даст мерафт.

Апаи Зебуннисо сабр кард, бурд кард. Зеро Лоиқи шавҳар ва падари фарзандонашро дӯст медошт ва хуб медонист, ки Лоиқи шоирро дигар карда намешавад. Барояш Лоиқи дигар даркор набуд!

Яке аз охирин ва самимитарин шеъри Лоиқ "Дидор дар қиёмат"… маҳз ба ҳамсари вафодораш бахшида шудааст.

Лоиқ маҳалчӣ набуд, дар тинати ӯ ҳисси маҳалгароӣ ҷо надошт.

- Лоиқ аз дурӯғу тамаъ, таърифу тавсифҳои бепоя, хушомадгӯӣ ва ҳазёнгӯиҳои дилбазан мегурехт... Андешаманд буд, андешаашро ба дигарон таҳмил намекард, зуд аз гапаш намегашт. Суханро рӯйрост, бепарда, гоҳе талху дардовард мегуфт. Хато кунад узр мепурсид. Инаст воқеан ҷавонмардӣ

Аз рақиб он қадар ҳарос надошт

- Ба қавли худаш; "Рақиби ман илоҳо зинда бошӣ, ки умри ман надорад бе ту маъно!.."

Духтури дил Соҳибназар Раҳмонов, ки ҳамон шабу рӯзҳои барои миллати тоҷик сиёҳ дар беморхонаи Қарияи боло ҳамроҳ бо шоир буд, 10 - 12 соат садои дили Лоиқ Шералиро сабт кардааст. Садои дили бемори шоирро, садои дили софу дардошнои Лоиқро.

Ҷойи Лоиқ ҳамеша, дар чаҳор фасли сол холист, ки холист, аммо фасли баҳор набудани ин шоири ҳамеша ошиқу ошиқ ва зебопараст бештару бештар эҳсос мешавад;

**Баҳор омад наомад**
**Лоиқи мо,**
**Наомад шоири мо,**
**ошиқи мо,**
**Парешонем чун барги**
**хазонрез,**
**Чӣ кардӣ ҷамъи моро,**
**холиқи мо?!**

Имсол, ки Соли ҷавонон эълон гардидааст гуфтанием, ки Лоиқ беҳтарин ғазалсарои ҷавонон ва барои ҷавонон буд ва аксари шеърҳо ва гуфтаҳояш аз ҷавонӣ қисса мекард. Худи ӯ низ ин фасли соли ҳаётро хеле дӯст медошт ва арҷ мегузошт. Охир ҷавонӣ баҳори фасли инсон аст. Нерую гармии зиёдеро ба кас ҳадя месозад, давраи тиллоии ҳаёти ба шумор меравад.

Лоиқ дар фасли баҳори нозанини деҳаи Мазор ба дунё омад ва дар баҳори нозанин, рӯзи тавлидаш ҷаҳонро падруд гуфт ва як мушт ёди дилсӯзу ҷигарсӯзро дар қалбу руҳи ҳаводорон ва ташнагону дилшикастагони ашъораш боқӣ гузошт.

Афзалшоҳи Шодӣ-писархонди шоир, ҳофизи хушадо дар хотираҳои худ мегӯяд. "Ман Лоиқро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам. Агар ба ягон ҷо ба сафар равам ва аз он ҷо баргардам шабона ҳам бошад, ҳатман ба сари манзили устодам меоям ва дуо карда, баъд ба хона меравам. Дар сари манзили ӯ дилам ором мегардад, рӯҳам тоза шуда, барои зиндагӣ қувват пайдо мекунам"

Ёди ӯ ва хотири ӯ, моро вазифадор мекунад, ки ин Ватану марзу бумро бо фарзандони фарзонааш ва бо тамоми буду набудаш дӯст дорем…

***Мамлакат Ҷайчиева,***
***устоди ДТТ***

***ВАРЗИШ • ВАРЗИШ • ВАРЗИШ***

## БАСКЕТБОЛБОЗОНИ ДТТ СОҲИБИ МЕДАЛҲОИ НУҚРА ГАРДИДАНД




Аз 19-ум то 22-юми майи соли ҷорӣ бахшида ба Соли ҷавонон дар Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Сайидмуъмин Раҳимов мусобиқа аз намуди баскетбол барои дарёфти " Ҷоми ДТҶТ" баргузор гардид. Дар ин мусобиқа 6 даста: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ширкат варзида, барои соҳиб гардидан ба " Ҷоми ДТҶТ" байни худ қувваозмоӣ намуданд.

Дастаи баскетболбозони донишгоҳ, ки то даври ниҳоӣ 4 ғалаба ба даст оварда буданд, дар даври ниҳоӣ бо соҳибони майдон - баскетболбозони Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон бо ҳисоби 39 бар 27 мағлуб гардида, соҳиби ҷойи 2-юм, яъне медалҳои нуқра ва дипломи дараҷаи дуюм гардиданд.

***Наргис Гулбекова,***
***мудири шуъбаи тарғиботию фарҳангии ДТТ***




## Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш нашудааст



Дар асоси нақшаи чорабиниҳои Департаменти корҳои тарбиявӣ санаи 08.05.2017 дар толори маҷлисгоҳи донишгоҳ бахшида ба ҷашни 72-юмин солгарди Ғалабаи халқи шӯравӣ бар фашизм ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид, ки дар он иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ Зеленсов Виктор Иванович, Шарофиддин Шарипов ва афсари интернатсионалист Ибодулло Шарифов иштирок намуда, аз хусуси шуҷоату мардонагӣ ва корнамоиҳои худ ва дигар фарзандони ватан сухан ронданд. Аз ҷумла қайд карда шуд, ки дар ин ҷанги хонумонсӯз 50 миллион нафар афсарону сарбозон ҷони худро аз даст доданд, ки 27 миллиони онро мардумони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ташкил медод. Дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ 300 ҳазор нафар тоҷикистониён иштирок намуданд, ки 92 ҳазор нафари онҳо ҷони худро аз даст доданд ва ё бе ному нишон гаштанд. Аз 300 ҳазор нафари ба ҷанг рафта 54 нафар бо унвони олии Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ сазовор гардида, 55 ҳазор нафари дигар бо ордену нишонҳои ҷангӣ сарфароз гардонида шуданд. Ин рақамҳо шаҳодати онанд, ки ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ бар фашизми Олмон ба осонӣ ба даст наомад. Аз ин рӯ, таъкид намуданд онҳо, сулҳу субот ва оромиву осоиштагӣ беҳтарин неъмат ба ҳисоб рафта, ҷавононро, киояндаи миллату давлатанд, барои расидан ба қадри ин неъмати бебаҳо даъват намуданд.

Барномаи консертии ансамбли "Нури Роғун"-и донишгоҳ, ки аз суруду таронаҳои ба васфи Ватан, Сулҳ, Ваҳдат ва дӯстиву бародарӣ бахшидашуда иборат буда, писанди иштирокчиёни ҷамъомад гардиданд, чорабинии мазкурро ҳусни анҷом бахшиданд.

Фановар
Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.
САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ
МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Ҳайати таҳририя:
Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Юсупова З.Р., Ҳакимов Ғ.Қ., Бобоев Х.Б., Юсупов М.Ч.
Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3
Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.
Рӯзнома 14 июни соли 2011 таҳти рақами 0136/рз дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Рӯзнома дар ҶДММ «Мега принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Теъдоди нашр 1000 нусха.